УДК 73(2) У 336
ББК 65.30-18 (2Р)

# ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИ ДАСТГИРИИ ИНФРАСОХТОРИИ СОҲИБКОРИИ ХУРД: УСЛУБ ВА САМАРАНОКИИ АРЗЁБӢ

***Турсунова Заррина Ғ.*** *- муаллими калони кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва минтақаи ДДҲБСТ, e-mail:* zarrina.tursunova.75@mail.ru

# ГОСУДАРСТВЕННОЕ УПРАВЛЕНИЕ ПОДДЕРЖКИ ИНФРАСТРУКТУРЫ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА: МЕТОДЫ ОЦЕНКИ И ЭФФЕКТИВНОСТЬ

***Турсунова Заррина Г.*** *- старший преподаватель кафедры экономика предприятия и региона ТГУПБП, e-mail:* zarrina.tursunova.75@mail.ru

# PUBLIC ADMINISTRATION FOR SUPPORT OF SMALL BUSINESS INFRASTRUCTURE: ASSESSMENT METHODS AND EFFICIENCY

***Tursunova Zarrina G.*** *- Senior Teacher of the Department Enterprise Economics and TSULBP, e-mail:* zarrina.tursunova.75@mail.ru

***Калид вожаҳо:*** *инфрасохтор, соҳибкории хурд, рақобат, соҳаҳои асосӣ, тағйироти сохторӣ, сармоягузорӣ, иқтисоди миллӣ.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои рушд ва идоракунии давлати дастгирии инфрасохтори соҳибкории хурд мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Аз чумла, муаллиф вазъияти хозираи инфрасохтори соҳибкории хурди кишвар ва минтақаҳои онро аз нуқтаи назари илмӣ ошкор намудааст. Тачрибаи давлатҳои пешрафта оиди баланд бардоштани дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурд баррасӣ шуда, самтҳои амалии истифодаи онҳо, ки дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон самаранок ҳисобида мешавад тасвир шудааст. Таҳлили раванди муқоисавии баланд бардоштани рақобатпазирии бахшҳои асосии иқтисодиёт ифода шудааст. Тамоюли инкишофи дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурд муайян карда шуда, далолати онро медиҳад, ки ҳамкорӣ бо корхонаҳои хурду миёна барои иқтисодиёти миллӣ барои кам кардани хароҷоти истеҳсолот фоиданок мебошад. Инкишоф додани шаклҳои махсуси шарикии давлатӣ ва хусусӣ дар самти татбиқи таҳияҳои самарабахши инноватсионӣ ва рақамикунии иқтисодиёт арзёбӣ гашта, чораҳои рушди равандҳои иқтисодию сармоягузории инфрасохтории соҳибкории хурд пешниҳод шудааст.*

***Ключевые слова:*** *инфраструктура, малый бизнес, конкуренция, ключевые отрасли, структурные изменения, инвестиции, национальная экономика.*

*В статье рассматривается развитие и управление инфраструктурой поддержки малого бизнеса. В частности, автор раскрывает современное состояние инфраструктуры малого бизнеса в стране и ее регионах с научной точки зрения. Рассмотрен опыт развитых стран по увеличению поддержки инфраструктуры малого бизнеса и описаны практические направления их использования, которые считаются эффективными в развитии экономики Таджикистана. Проведён сравнительный анализ процесса повышения конкурентоспособности основных отраслей экономики. Выявлена тенденция развития инфраструктуры поддержки малого бизнеса, что свидетельствует о том, что сотрудничество с малым и средним бизнесом выгодно для национальной экономики для снижения себестоимости продукции. Дана оценка развитию особых форм государственно-частного партнерства в реализации эффективных инноваций и цифровизации экономики, предложены меры по развитию экономических процессов и инфраструктурных инвестиций в малом бизнесе.*

***Key words:*** *infrastructure, small business, competition, key industries, structural changes, investments, national economy.*

*This article discusses the development and management of small business support infrastructure. In particular, the author reveals the current state of small business infrastructure in the country and its regions from a scientific point of view. The experience of developed countries in increasing support for the infrastructure of small businesses is considered and practical directions for their use, which are considered effective in the development of the economy of Tajikistan, are described. A comparative analysis of the process of increasing the competitiveness*

*of the main sectors of the economy has been carried out. A trend in the development of small business support infrastructure has been identified, which indicates that cooperation with small and medium-sized businesses is beneficial for the national economy to reduce production costs. An assessment is given of the development of special forms of public-private partnership in the implementation of effective innovations and digitalization of the economy, measures are proposed for the development of economic processes and infrastructure investments in small businesses.*

Афзудани шумораи корхонаҳои соҳибкории хурд ва натиҷаҳои дастгирии он дар ҳамаи сатҳҳои давлатӣ вазифаи афзалиятноки сиёсати имӯзаи кишвар буда дар самти ташаккули шароити мусоид барои инкишофи соҳибкории хурд муҳимтарин омил мебошад.

Маълум аст, ки фаъолияти мақомоти давлатӣ дар давраи охир бештар ба дастгирии соҳибкории хурде, ки вазифаи қаблан ба он хос набуда - таҷдиди иқтисодро амалӣ менамояд, равона шудааст.

Боиси қайд аст, ки дар илми иқтисод ташаккули дасгирии инфрасохтори соҳибкории хурд (минбад ДИСХ) омили калидие мебошад, ки фаъолияти тиҷорати хурдро таъмин хоҳад сохт ва ба таҳдидҳои иқтисоди муосир устувору собит буданро имкон медиҳад.

Дар аксарияти минтақаҳо инфрасохтори дастгирии соҳибкории хурд доираи вазифаҳои ба зиммаи он гузошташударо пурра иҷро наменамояд. Дар натиҷа қисме аз воситаҳои молиявӣ, ки давлат барои дастгирии ДИСХ ҷудо мекунад, то истеҳсолкунандагони маҳсулот, мол ва хизматрасонӣ рафта намерасад, ки шаҳодати қонеъ набудани субъектҳои соҳибкории хурд аз идоракунии давлатии ДИСХ мебошад. Мутаносибан, вазифаи мураккабу мубрами амалӣ намудан ва роҳ мондани ҳамкории мутақобилаи самаранок ва оқилона байни субъектҳои инфрасохтор ва тиҷорати хурд ба вуҷуд меояд. Барои дарки дараҷаи қаноатмандии тиҷорат аз идоракунии давлатии ДИСХ дар давраи муосир баҳогузории самаранокии идоракунии давлатӣ дар минтақаҳо муфид хоҳад буд. Он барои муайян кардани минтақаҳои пешсафи дастгирии инфрасохтории тиҷорати хурд ва таҷрибаи пешқадами такмили инфрасохтори мазкур имкон медиҳад. Аз ҷониби дигар, арзёбӣ шаффофияти иттилоотии фаъолияти субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи дастгирии инфрасохторӣ баланд мекунад. Арзёбии на танҳо ДИСХ, балки таъсири идоравии давлат дар давраи татбиқи барномаҳои дастгирии давлатӣ, дар доираи воридсозии усулҳо ва расмиёти идоракунии давлатии ба натиҷагирӣ нигаронидашуда муҳим мебошад.

Ҳангоми воридсозии унсурҳои банақшагирӣ ва идоракунии давлатии лоиҳавӣ тибқи ҳадафҳо ва натиҷаҳои фаъолият дар соҳаи дастгирии давлатии тиҷорати хурд таҳия намудани низоми маҷмӯавии нишондиҳандаҳои ченшаванда, ки ДИСХ-ро тавассути низоми нишондиҳандаҳои муайянкунандаи рушди корхонаҳои хурд ҳамчун фаъолияти худи инфрасохтор, инчунин самаранокӣ ва маҳсулнокии фаъолияти мақомоти ваколатдори ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи дастгирии тиҷорати хурд тавсиф медиҳанд, зарур аст.

Амалӣ намудани арзёбӣ дар асоси нишондиҳандаҳои объективии омори расмӣ, ки ба доираи васеи истифодабарандагони манфиатдор тааллуқ доранд, бо як қатор ҳолатҳо душвору мураккаб мегардад. Якум, тадқиқоти якуми яклухти омории фаъолияти тиҷорати хурду миёна аз рӯи натиҷаҳои 2010 сол, тадқиқоти дуюм – тибқи натиҷаҳои 2015 сол баргузор шудааст, тадқиқоти минбаъда аз рӯйи ҷамъбасти соли 2020 баргузор мешавад. Сониян, натиҷаҳои мушоҳидаҳои интихобӣ аз болои фаъолияти тиҷорати хурд миқдори ками нишондиҳандаҳоро дарбар мегиранд. Дар лаҳзаи ҳозир методикаи арзёбии самаранокии идоракунии давлатии дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурд мавҷуд нест, бинобар ин мо ба таври мақсаднок доираи таҳлили равишҳои методие, ки арзёбии сатҳи рушди соҳибкории хурд ва натиҷаҳои барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурдро баҳри ҳадафи истифодаи эҳтимолии муқаррароти алоҳида дар бар мегиранд, барои ташаккул додани равиши методии муаллифӣ оиди арзёбии самаранокии идоракунии давлатии ДИСХ васеъ менамоем.

Олими рус Балекин Е.В., барои арзёбии самаранокии натиҷаи воситаҳо ба маблағи 1 млн. воситаи пулие, ки тибқи барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкории хурд ҷудо кменамояд ба:

- истифода кардани нишондиҳандаҳои зерин: миқдори корхонаҳои хурди (КХ) истеҳсолӣ;
- шумори кормандоне, ки сохторҳои истеҳсолии соҳибкории хурд бо шуғл фаро гирифта шудаанд;
- ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосии КХ;

- гардиши воситаҳои КХ истеҳсолӣ; ҳаҷми музди меҳнати КХ истеҳсолӣ;
- даромад аз фурӯши маҳсули КХ истеҳсолиро пешниҳод мекунад. [1]

Иқтисодшинос В.А. Гражданкин инчунин нишондиҳандаҳои дар боло зикршударо барои рушди соҳибкории хурд муҳим мешуморад, аммо асароти бюджетиро, ки бо афзудани воридот ба буҷа аз фаъолияти КХ ифода меёбад, афзалтар медонад.[2] Дар сатҳи маҳаллӣ (мунисипалӣ), ба ақидаи ӯ, асароти мазкур дар афзудани воридоти андоз аз даромади шахсони воқеӣ ифода меёбад, аз ин рӯ олими мазкур ба ҳисоб афзоиши музди меҳнат, рӯйхати миёнаи кормандони бахши соҳибкории хурд, тарҳҳои андозӣ, меъёри пардохтҳо барои андози даромади шахсони воқеӣ ба буҷаи дахлдор мутаносибан ба андозаи субсидияҳои ҷудошуда ворид карданро пешниҳод мекунад.

Барои истисно намудани тафовутҳои минтақавӣ, ки бо миқёси минтақаҳо (аз рӯи шумораи аҳолӣ) ва сатҳи нархҳо, мо пешниҳод менамоем, ки нишондиҳандаҳои нисбӣ ба як нафар аҳолӣ ё ба як нафар корманд баррасӣ карда шаванд, нишондиҳандаҳои арзишӣ бо миқдори сабадҳои муқарраршудаи истеъмолӣ, ки дар минтақаи мазкур ба маблағи мазкури пулӣ харида мешаванд, баррасӣ карда шаванд. Ин гуна равиш, масалан, барои арзёбии сатҳи даромадҳои пулӣ дар минтақаҳои гуногун имкон медиҳад: даромад якхела мешавад (ҳангоми бузургии номиналии гуногун), агар дар доираи ҳаҷми даромади мазкур дар минтақаҳои дахлдор миқдори якхелаи сабадҳои муқарраршудаи истеъмолиро харид кардан имкон мавҷуд бошад.

Нишондиҳандаи якуми манфиатнокии барномаи дастгириро бо афзудани нишондиҳандаҳои зерин: шумораи субъектҳои соҳибкории хурд, миқдори миёнаи кормандони бо кор машғулбудаи соҳибкории хурд, фонди музди меҳнат дар ташкилотҳои соҳибкории хурд, муомилот, маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ арзёбӣ кардан тавсия дода мешавад.

Пас аз муайян кардани нишондиҳандаҳои арзёбишаванда ба интихоби дастгоҳи математикӣ, ки барои ҳисоби ҳам ба нишондиҳандаҳои гурӯҳӣ, ҳам нишондиҳандаи интегралӣ, ки сатҳи самаранокии идоракунии давлатии дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурдро тавсиф медиҳад, гузаштан тавсия дода мешавад. Усулҳои гуногуни ҳисоб мавҷуд аст, ки байни онҳо усули ҳосил, усули ҷамъи ҷойҳо, усули қимати миёнаи геометрӣ, усули коэффисиентҳо, масофаҳо, тарзи таҳлили қиёсии бисёрандоза, усули таксонометрӣ ва усули холҳоро ҷудо мекунанд.[3]

Усули ҳосил барои муайян кардани ҷамъи қиматҳои воқеии андозаҳо ё суръат нисбати заминаи қиёсшаванда муқаррар карда шудааст. Маҳдудияти усулҳо дар он аст, ки андозаҳо нисбати фаъолияти объекти таҳқиқ бояд таъсири яктарафаи нишондиҳандаҳои таҳқиқшавандаро расонанд. Ҳисобро бо формулаи мазкур амалӣ кардан тавсия карда мешавад:

$$Ij = \sum_{t=1}^{n} = Xij, \qquad (1)$$

ки дар ин ҷо **Ij** – нишондиҳандаи интегралии (маҷмӯавии) арзёбии самаранокии идоракуни ДИСХ;

**j** – минтақа; **x** – андозаи объекти таҳқиқ;

**i** – миқдори андозаҳо аз **1** то **n**; **j** – шумораи объектҳои тадқиқот аз **1** то **m**.

Ҳангоми истифодаи формулаи дар боло зикршуда бояд ба он таваҷҷӯҳ дод, ки нишондиҳандаҳои андоза бузургии якхела дошта бошанд.

Ҳисобро инчунин тибқи нишондиҳандаҳои интегралӣ амалӣ кардан мумкин аст:

$$li = \sum_{t=1}^{n} \frac{x_{tj}^{a}}{x_{tj}^{b}} \qquad (2)$$

дар ин ҷо $\mathbf{x_{tj}^a}$ ва $\mathbf{x_{tj}^b}$ – қимати воқеӣ ва заминавии андозаи **i** барои **j** объект мебошад.

Ба сифати қимати заминавӣ қимати намунавӣ (эталон) ё қиматҳои нишондиҳандаҳои объекти беҳтарини таҳқиқотро интихоб кардан мумкин аст, ки бо он қиёс карда мешавад. Минтақаи беҳтарин аз рӯи самаранокии идоракунии давлатии дастгирии инфрасохтории

---

[1] Балекин Е.В. Методические аспекты государственного управления развитием и поддержкой промышленного малого предпринимательства в Москве/Е.В. Балекин // Вестник Московского государственного областного университета. Серия: Экономика. - 2010. - № 2. - С. 137-141.

[2] Гражданкин В.А. Формирование институтов инфраструктуры поддержки малого предпринимательства в Алтайском крае/В.А. Гражданкин // Известия РГПУ им. А.И. Герцена. - 2009. - № 93. - С. 117-122.

[3] Гагарина Г.Ю. Инфраструктура как необходимое условие устойчивого развития региональной экономики/Г.Ю. Гагарина // Качество. Инновации. Образование. - 2012. - № 7 (86). - С. 87-91.

соҳибкории хурд он минтақае маҳсуб мешавад, ки қимати аз ҳама калонтарини нишондиҳандаҳо-водоркунандаҳо ё қимати хурдтарини нишондиҳанда-боздорандаҳоро дорад.

Маҳдудияти усули ҳосил дар он аст, ки нишондиҳандаҳо бояд тамоюли якхела дошта бошанд, ғайр аз ин нишондиҳандаи интегралӣ метавонад баланд бошад, новобаста ба қимати пасти қиматҳои алоҳидаи хусусӣ, ки бо нишондиҳандаҳои баланди нишондиҳандаҳои хусусӣ ҷуброн карда мешавад.

Усули ҷамъи ҷойҳо раддабандии минтақаҳоро вобаста ба сатҳи нишондиҳандаҳои таҳқиқшаванда дар назар дорад. Ҳамаи нишондиҳандаҳо бояд пешакӣ ба нишондиҳандаҳои водоркунанда ва боздоранда тақсим карда шаванд. Мутаносибан минтақаҳо бо тартиби афзудани нишондиҳандаҳо-водоркунандаҳо ва кам шудани нишондиҳандаҳо-боздорандаҳо раддабандӣ карда мешаванд. Барои ҳар як минтақа ҷойҳои ишғолкардаи он тибқи нишондиҳандаҳо ҷамъ карда шуда, раддабандӣ бо ҷамъи ҷойҳои ишғолшуда муайян карда мешавад. Ҳар қадаре, ки ҷамъи ҷойҳо дар минтақа кам бошад, ҳамон қадар ӯ мақоми баландро дар идоракунии давлатии дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурдро дорад. Формула барои ҳисоб намуди зеринро дорад:

$$IJ = \sum_{i=1}^{n} Pij \qquad (3)$$

ки дар ин ҷо - ҷойи **j** минтақа аз рӯи самаранокии идоракунии ДИСХ тибқи **i** нишондиҳанда.[1]

Маҳдудияти усули мазкур дар он аст, ки он қимати воқеии нишондиҳандаҳоро ба инобат намегирад ва баҳодиҳӣ метавонад сатҳӣ, дағалона бошад, бинобар ин усул бо воридкунии коэффисиенти арзиши нишондиҳандаҳои арзёбишаванда пурра карда шуд. Инро дар расми 1 равшантар дидан мумкин аст.

Ҳангоми истифодаи коэффисиентҳои арзиш усул нисбатан саҳеҳ мегардад.

Бояд гуфт, ки усули бузургии миёнаи геометрӣ дар истифодаи коэффисиентҳо барои нишондиҳандаҳои арзёбишаванда асос ёфтааст, ки дар ҳудуди аз **0** то **1** қарор дорад.

Усули мазкурро ҳангоми миқдори начандон калони андозаҳое, ки ба як баробаранд истифода кардан мувофиқи мақсад аст.

Ҳамин тариқ, усули масофаҳо наздикии объекти қиёсшавандаро аз рӯи нишондиҳандаҳо ба объекти заминавӣ ё намунавӣ ба сифати он метавонад минтақа бо қимати калонтарини самаранокии идоракунии давлатии соҳибкории хурд интихоб шавад ва дар он қиматҳои аз ҳама калонтарини нишондиҳанда-водоркунанда ва қиматҳои аз ҳама хурдтарини нишондиҳанда-боздоранда мавҷуданд. Ба сифати намуна минтақаеро қабул кардан мумкин аст, ки нишондиҳандаҳои он ба қимати миёнаи арифметикӣ наздик мешаванд.

[1] Губарева, А.М. Инфраструктура поддержки субъектов малого и среднего предпринимательства в рамках государственно-частного партнерства: правовой аспект/А.М. Губарева // Вестник Московской государственной академии делового администрирования. - 2013. - № 1 (20). - С. 152-158.

**Расми 1 – Усули ба арзёбии самаранокии идоракунии ДИСХ**




***Манбаъ:*** *расм аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст.*

Дар қадами аввал ҳангоми усули масофаҳо коэффисиентҳое муайян мешаванд, ки ҳамчун таносуби нишондиҳандаҳои объектҳои таҳқиқшаванда нисбати қиматҳои объекти намунавӣ ҳисоб карда мешаванд. Баъдан ҷамъи квадратҳои дуршавии коэффисиентҳо аз як дар ҳамаи нишондиҳандаҳо ҳисоб карда мешавад, нишондиҳандаи интегралӣ метавонад бо формулаи зерин ҳисоб карда шавад:

$$IJ = \sqrt{\sum_{i=1}^{n} ki(1 - \frac{x_{ij}^{a}}{x_{t.m+1}^{b}})^2} \quad (4)$$

ки ин ҷо $\boldsymbol{x_{t.m+1}^{b}}$ – қимати намунавӣ;

**ki** – қимати вазни нишондиҳандаи **i**-ум.

Пас аз ба тартиб овардани қимати **Ij** аз рӯи афзуншавӣ раддабандии объектҳои таҳқиқот амалӣ мешавад, ки ба қимати камтарини арзёбӣ (нисбатан дуртар) ҷойи аввал дода мешавад.

Тарзи таҳлили бисёрандозаи таҳлили қиёсӣ барои идоракунии давлатии ДИСХ аз ҳама самаранок мебошад, ки дар заминаи он арзёбии маҷмӯавии детерминатсияшуда қарор ёфтааст ва дар асоси он коэффисиенти чун таносуби **i**-ум нишондиҳандаи минтақаи **j** нисбати нишондиҳандаи шабеҳи минтақаи ҳамчун намунавӣ (замина) қабулшуда муайян карда мешавад.

Қимати калонтарин тибқи нишондиҳаи интегралӣ дар раддабандӣ ҷойи аввалро ишғол менамояд. Дар асоси усули мазкур ба монанди усули масофаҳо наздикӣ (шабоҳат) ба намуна ё заминаи қиёсшаванда меистад. Усули таксометрӣ усули масофаҳоро ҷамъбаст мекунад, нишондиҳандаҳои мутлақро ба ҳисоб мегирад ва соқиткунии (элиминатсияи) вариантҳои гуногуни онро имкон медиҳад.

Матритсаи ибтидоии қиматҳо сохта мешавад:

$$x = \left\| \begin{matrix} x_{11} & x_{12} & x_{1n} \\ x_{m1} & x_{m2} & x_{mn} \end{matrix} \right\| \qquad (5)$$

Баъдан методика бо ҳисоби усули масофаҳо мувофиқат мекунад.[1]

Усули ҷамъи холҳо дар истифодаи қиматҳои мутлақи нишондиҳандаҳо ва арзёбии ченакҳо ифода мешавад. Ҳангоми усули мазкур ченакеро интихоб кардан зарур аст, ки метавонад моҳияти бефосила ва дискретӣ дошта бошад, ҳам ҳудудҳои мусбӣ ва ҳам манфӣ дошта бошад. Ченакҳо қимати калонтарин ва хурдтарини холҳо дар ҳудудҳо муқаррар карда мешавад. Ченакҳои дискретӣ шумораи муайяни холҳое муқаррар мекунанд, ки тибқи онҳо нишондиҳандаи мушаххасе арзёбӣ мешавад, ки бо қимати бутун дода мешавад, ҳангоми ченакҳои бефосила қимат метавонад дилхоҳ бошад ва метавонад тавассути фосила муқаррар карда мешавад.

Аксарияти методикаҳои ҳисоби нишондиҳандаҳои интегралӣ дар ҳисоби қимати миёнаи оддӣ, қимати миёнавазн, қимати миёнаи геометрӣ, миёнаи квадратӣ, дар арзёбии экспертӣ асос ёфтаанд.

Дар бештари мавридҳо барои арзёбии ҳолати объектҳо усулҳои экспертиро истифода мекунанд. Истифодаи арзёбии экспертӣ, дар ҳолати аввал, метавонад ба ақидаҳои субъективӣ барад, дар ҳолати дуюм, шумораи зиёди коршиносон (мусоҳибон)-ро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, ҳангоми интихоби усули ҳисоби индикаторҳо, дар мавриди мо, на ҳамаи методҳо истифода шуда метавонанд. Истифода кардани усули ҷамъ тавсия дода намешавад, зеро нишондиҳандаҳои алоҳида метавонад қимати нобаробар дошта бошад, масалан, ин ҳолат ҳангоми истифода будани натиҷаҳои молиявии фаъолияти ташкилотҳои тиҷорати хурд дар ҳисобҳо рӯй дода метавонад, ки метавонад ҳам қимати мусбӣ ва манфӣ дошта бошад ва мутаносибан худро дар интихоби маълумот маҳдуд намояд. Усули масофаҳо метавонад барои баҳодиҳии индикаторҳо истифода шавад, мушкилоте, ки тадқиқотгар ба он дучор мешавад, яъне интихоби субъективӣ ва нодурусти намунаи қиёсшаванда. Усули мазкур арзёбии пешакиро барои интихоби намуна талаб мекунад, ки ин метавонад раванди хеле мураккабу душвор бошад, бинобар ин истифодаи усули мазкур тавсия шуда наметавонад. Бо ҳамин сабаб аз истифодаи тарзи таҳлили бисёрандозаи қиёсӣ, усули таксометрӣ даст кашидан пешниҳод карда мешавад. Усули ҷамъи холҳо дар мавриди мавҷуд будани шумораи зиёди коршиносон ва мусоҳибон муфид хоҳад буд, зеро ҳангоми усули мазкур ба арзёбии экспертӣ такя кардан зарур аст.

Ба андешаи мо, дар ин ҳолат арзёбии самаранокии идоракунии давлатии дастгирии инфрасохторӣ метавонад таҳриф шавад, бо ҳамин сабаб даст кашидан аз истифодаи усули зикршуда бо мақсади тадқиқоти минбаъда низ тавсия дода мешавад. Ҳамзамон барои арзёбӣ истифода кардани усули коэффисиентҳо ё усули бузургии миёнаи геометрӣ тавсия дода мешавад. Ба усули қимати миёнаи геометрӣ афзалият дода мешавад, ки ин бо истифодаи нишондиҳандаҳои нисбӣ вобаста аст ва ба ҳисоб гирифтани маълумоти қиматашон баробарро имкон медиҳад. Ҳамзамон усули мазкурро агентии раддабандии мӯътабари иттилоотӣ ҳангоми тартиб додани раддабандиҳои иҷтимоӣ-иқтисодии минтақаҳо, ширкатҳо, бонкҳо, бахшҳо ва кишварҳо истифода мешавад.

Бо усули бузургии миёнаи геометрӣ ҳисоб кардани индексҳои гуногун ва индекси ҷамъбастии дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурд дар минтақа – ИДИСХ тавсия дода мешавад:

$$\text{ИДИСХ} = \sqrt[3]{I_{\text{икт}} I_{\text{ичт}} I_{\text{инф}}} \qquad (6)$$

[1] Зайченков С.И., Церкасевич Л.В. Институты государственного регулирования предпринимательства в России/С.И. Зайченков, Л.В. Церкасевич // Экономика и экологический менеджмент. - 2015. - № 3. - С. 85-92.

Индекс дар фосилаи аз 0 то 1 қарор дорад.[1] Эҳтимол кардан мумкин аст, ки агар он дар фосилаи аз 0 то 0,4 қарор дошта бошад, он гоҳ ДИСХ дар минтақа бо суръати суст рушд мекунад ва мутаносибан идоракунии давлатии дастгирии инфрасохторӣ ғайрисамаранок аст; агар индекси дастгирии инфрасохторӣ дар фосилаи аз 0,4 то 0,6 қарор дошта бошад, он гоҳ барои инкишофи тиҷорати хурд дар минтақа шароити мусоид ташкил шудаанд ва он бомуваффақият рушд мекунад; агар индекс қимати аз 0,6 то 1 дошта бошад, он гоҳ мутаносибан соҳибкории хурд дар минтақа ба таври фаъол рушд мекунад, ки ин бо самаранокии баланди идоракунии ДИСХ таъмин мегардад.

Таҳлили гузаронидашудаи равишҳои мавҷудбудаи методӣ аз рӯи арзёбии сатҳи ноилшудаи рушди соҳибкории хурд, инчунин аз рӯи самаранокии дастгирии давлатии СХ барои ташаккул додани равиши методии муаллифӣ нисбати арзёбии самаранокии идоракунии ДИСХ имкон доданд, ки ба интихоби нишондиҳандаҳои интегралии арзёбӣ (индекси дастгирии инфрасохторӣ дар асоси интихоби нишондиҳандаҳои интегралии арзёбии самаранокии фаъолияти КХ, натиҷаҳои дастгирии инфрасохторӣ дар минтақа) бо маълумотҳои бонизом такя мекунад. Дар доираи равиши методӣ усули ҳисоби нишондиҳандаҳои интегралӣ – усули қимати миёнаи геометрӣ, меъёрҳои арзёбии самаранокии идоракунии ДИСХ муайян карда шуданд. Равиши мазкури методӣ барои арзёбии маҷмӯавии қиёсии самаранокии идоракунии давлатии дастгирии инфрасохтории СХ ҳам аз ҷиҳати дастгирии инфрасохтории корхонаҳои хурд, ҳам аз ҷиҳати таъсири идоракунанда ба ДИСХ дар минтақаҳо имконият фароҳам меорад. Натиҷаҳои татбиқи равиши методӣ барои муайян кардани минтақаҳои пешсафи дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурд ва таҷрибаи пешқадами тақмили он имкон медиҳанд. Аз тарафи дигар, арзёбӣ шаффофияти иттилоотии фаъолияти субъектҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи дастгирии давлатии корхонаҳои хурд баланд менамояд.

Равиши аз ҷониби муаллиф таҳияшудаи методӣ оиди арзёбии самаранокии идоракунии ДИСХ бо таҳлили динамикаи (рушди) нишондиҳандаи интегралии дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурд аз ду нуқтаи назар: аз нуқтаи назари нишондиҳандаҳои миёнаи дастгирии инфрасохторӣ, инчунин аз нуқтаи назари тағйир додани нишондиҳандаи солонаи дастгирии инфрасохторӣ дар давраи таҳқиқшаванда бояд пурра карда шавад.

Равиши методии пешниҳодшуда метавонад дар вазифаҳои таҳқиқи самаранокии идоракунии давлатии дастгирии инфрасохторӣ ва рушди соҳибкории хурд аз ҷониби минтақаҳо, ҷустуҷӯи шаклҳо, тарзҳо ва намудҳои ҷадид муфид хоҳад буд.

Принсипи воқеияти дониши илмӣ дар он ифода меёбад, ки падидаву зуҳуроти таҳқиқшаванда бояд дар шакли воқеии худ инъикос карда шаванд. Воқеияти хулосаҳои илмӣ дар заминаи далели қомилан муқарраршуда асос меёбанд, хулосаҳои дар зеҳн тасаввуршудае, ки бо далелҳои илмӣ собит намешаванд, воқеӣ (объективӣ) эътироф намешаванд. Равиши аксиологӣ (арзишӣ) бо мушкилоти арзишҳо ва арзёбӣ вобаста аст, ки бо мавқеъ ва завқи олим (гурӯҳи иҷтимоӣ, ҷомеа) вобаста буда, интихоби мушкилоти илмӣ, интихоб ва ҷудо карда гирифтани маълумоти ҷиддӣ, арзёбии маҳсулҳои илмиро пешбинӣ мекунад.

Усулҳои таҳлили идоракунии давлатиро ба усулҳои умумиилмӣ (таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, ягонагии унсури таърихӣ ва мантиқӣ, идеализатсия, қиёс, амсиласозӣ, озмоиш, мушоҳида, иқтисодӣ-математикӣ, таҳлили оморӣ, таҳлили функсионалӣ, эвристикӣ, бонизом, усулҳои таҳлили ҳуҷҷатҳо ва ғ.) ва усулҳои хусусии илмӣ (таҳлили ниҳодӣ, таҳлили функсионалӣ-сохторӣ, таҳлили иртиботӣ, таҳлили фарҳангшиносӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, касбӣ-кадрӣ, иттилоотӣ-таҳлилӣ ва ғ.) ҷудо кардан тавсия дода мешавад (расми 2).

Феҳрасти нисбатан калони равишҳои муосири методологии таҳлили идоракунии давлатӣ мавҷуд аст, мо танҳо ба он равишҳое, ки дар таҷрибаи илмӣ маъмул ва машҳуранд, таваҷҷӯҳ менамоем.

Дар методологияи таҳқиқи идоракунии давлатӣ ба равиши бонизом таваҷҷӯҳ кардан пешниҳод мешавад, зеро танҳо бонизомӣ дар идоракунӣ метавонад мақсадгузорӣ, ҳамоҳангсозии амалҳо, марҳиланокӣ ва самаранокиро ба вуҷуд орад. Равиши мазкур нисбати сохтори идоракунии нави давлатӣ барои иваз кардани низоми дар маҷмӯъ ташкилшуда, гузаштан аз сарҳади "қуттии сиёҳ" ва баровардани идоракунии давлатӣ ба низоми ошкоро ва аз ҷиҳати иҷтимоӣ самаранок имкон фароҳам меорад.

[1] Абдукодиров Х. Инвестиционное обеспеченность инфраструктурных блоков в национальной экономике//Journal of Economy and entrepreneurship, 2020. Vol. 14, Nom. 11. - P 1052-1056.




*Расми 2. - Маҷмӯи методологии таҳқиқи идоракунии давлатӣ СХ*

Равиши сиёсӣ-маъмурӣ нисбати идоракунии давлатӣ мувофиқати манфиатҳо, татбиқи тадбирҳои пайваста оиди ноил шудан ба таҳаммулпазирии иҷтимоиро амалӣ менамояд. Равиши мазкур пайвасти сиёсат, ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии давлатиро таъмин менамояд.

Натиҷаи тадқиқоти баргузоршуда ташаккули маҷмӯи методологии омӯзиши идоракунии ДИСХ мебошад, ки он бо принсипҳои умумии илмии бо принсипҳои махсус (“фардияти методологӣ”, “ақлгароии маҳдуд”, “ошкорбаёнии (шаффофияти) иттилоотӣ”) ва принсипҳои хусусии илмӣ, ки нисбати интихоби намудҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодӣ ва ба арзёбии самаранокии идоракунии давлатии дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурд пешниҳод мешаванд, пурра карда шудааст. Маҷмӯи мазкури муаллиф низоми равишҳо нисбати таҳқиқ: бонизом, консептуалӣ, амалӣ-ҳамгироӣ, амалиётӣ, нави ниҳодӣ (неоинститутсионалӣ), методӣ (расми 2)-ро дар бар мегирад. Интихоби равишҳо дар таҳлили истифодаи имконпазири онҳо нисбат ба таҳқиқи идоракунии давлатии дастгирии инфрасохтории КХ бо мақсади таҳқиқи диссертатсионии дар ҷадвал пешниҳодшуда асос меёбад.

Маҷмӯи методологии тадқиқоти идоракунии давлатии ДИСХ равиши методии муаллифиро нисбати арзёбии самаранокии идоракунии давлатии дастгирии инфрасохтории соҳибкории хурд ва нисбати интихоби намудҳои афзалиятноки фаъолияти иқтисодӣ барои дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар минтақа дар бар мегирад.

Ба сифати усулҳои тадқиқот равишҳои умумии илмӣ (таҳлил ва синтез, индуксия ва дедуксия, ягонагии унсури таърихӣ ва мантиқӣ, идеализатсия, қиёс, амсиласозӣ,озмоиш, мушоҳида, иқтисодӣ-математикӣ, таҳлили оморӣ, таҳлили функсионалӣ, эвристикӣ, бонизом, усулҳои таҳлили ҳуҷҷатҳо ва ғ.) бо усулҳои хусусии илмӣ (таҳлили ниҳодӣ, таҳлили функсионалӣ-сохторӣ, таҳлили иртиботӣ, таҳлили фарҳангшиносӣ, меъёрӣ-ҳуқуқӣ, касбӣ-кадрӣ, иттилоотӣ-таҳлилӣ ва ғ.) пуррашуда истифода мешаванд.

Дар натиҷаи тадқиқоти баргузоршуда мо дигаргунсозии ҳамкории тиҷорат ва давлат ба муносибатҳои шарикӣ, дигаргунсозии идоракунии давлатии дастгирии инфрасохторӣ СХ-ро ба маъмурикунонии оммавӣ пешниҳод месозем, ки барои ин ташаккул додани ниҳоду механизмҳои ҷадиди ҳамкории мутақобилаи тиҷорат ва давлат зарур аст.

Ҳамин тариқ, ба сифати амсилаи нави маъмурикунонии оммавӣ "давлати рушд"-ро чун натиҷаи ҳамгироии амсилаҳои "давлати хизматгузорӣ" ва "давлати рақамӣ" баррасӣ кардан пешниҳод менамоем, ки ин дар давраи муосир хеле мубрам мебошад. Аз ин лиҳоз, бояд қайд кард, ки мақсади амсилаи нави маъмурикунонии оммавӣ дар рушд ва афзоиши устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ки татбиқи он ба воридсозии технологияҳои рақамӣ ва иқтисодӣ дар низомҳои муосири идоракунии лоиҳавӣ ва харидҳои харидҳои давлатӣ ва тиҷоратиро, дар ҳамкории давлатӣ-хусусӣ, дар муассисаҳои давлатии хизматрасонии шояд такия хоҳад кард.

## АДАБИЁТ


1. Абдукодиров Х.А. Инвестиционное обеспеченность инфраструктурных блоков в национальной экономике//Journal of Economy and entrepreneurship, 2020. Vol. 14, Nom. 11. - P 1052-1056.
2. Балекин Е.В. Методические аспекты государственного управления развитием и поддержкой промышленного малого предпринимательства в Москве/Е.В. Балекин // Вестник Московского государственного областного университета. Серия: Экономика. - 2010. - № 2. - С. 137-141.
3. Гагарина Г.Ю. Инфраструктура как необходимое условие устойчивого развития региональной экономики/Г.Ю.Гагарина // Качество. Инновации. Образование. - 2012. - № 7 (86). - С. 87-91.
4. Гражданкин В.А. Формирование институтов инфраструктуры поддержки малого предпринимательства в Алтайском крае/В.А. Гражданкин // Известия РГПУ им. А.И. Герцена. - 2009. - № 93. - С. 117-122.
5. Губарева, А.М. Инфраструктура поддержки субъектов малого и среднего предпринимательства в рамках государственно-частного партнерства: правовой аспект/А.М. Губарева // Вестник Московской государственной академии делового администрирования. - 2013. - № 1 (20). - С. 152-158.
6. Зайченков С.И., Церкасевич Л.В. Институты государственного регулирования предпринимательства в России/С.И. Зайченков, Л.В. Церкасевич // Экономика и экологический менеджмент. - 2015. - № 3. - С. 85-92.
7. Репникова В.М. Роль малого бизнеса в организации технологического прорыва/В.М. Репникова //Модернизация России: приоритеты, проблемы, решения: материалы XVIII Международной научной конференции. - 2019. – С. 117-125.
8. Руденко Л.Г. Теоретико-методологический подход к построению модели механизма информационно-сервисной инфраструктурной поддержки малого предпринимательства в регионе [Электронный ресурс]/Л.Г.Руденко // Московский экономический журнал. - 2018. - № 5 (3). – С. 82-91. - Режим доступа: https://qje.su/wp-content/uploads/2019/01/Nomer-53-2018-Arhiv.pdf. (дата обращения: 20.02.2019).


## LITERATURE


1. Abdukodirov H.A. Investment security of infrastructure blocks in the national economy//Journal of Economy and entrepreneurship, 2020. Vol. 14, no. 11. - P 1052-1056.
2. Balekin E.V. Methodical aspects of state management of development and support of industrial small business in Moscow / E.V. Balekin // Bulletin of the Moscow State Regional University. Series: Economy. - 2010. - No. 2. - P. 137-141.
3. Gagarina G.Yu. Infrastructure as a necessary condition for the sustainable development of the regional economy/G.Yu.Gagarina // Quality. Innovation. Education. - 2012. - No. 7 (86). - P. 87-91.
4. Grazhdankin V.A. Formation of small business support infrastructure institutions in the Altai Territory / V.A. Grazhdankin // Izvestiya RGPU im. A.I. Herzen. - 2009. - No. 93. - P. 117-122.
5. Gubareva, A.M. Infrastructure to support small and medium-sized businesses in the framework of public-private partnership: legal aspect / A.M. Gubareva // Bulletin of the Moscow State Academy of Business Administration. - 2013. - No. 1 (20). - P. 152-158.
6. Zaichenkov S.I., Tserkasevich L.V. Institutes of state regulation of entrepreneurship in Russia / S.I. Zaichenkov, L.V. Tserkasevich // Economics and environmental management. - 2015. - No. 3. - P. 85-92.
7. Repnikova V.M. The role of small business in organizing a technological breakthrough / V.M. Repnikova //Modernization of Russia: Priorities, Problems, Solutions: Proceedings of the XVIII International Scientific Conference. - 2019. - P. 117-125.
8. Rudenko L.G. Theoretical and methodological approach to building a model of the mechanism of information and service infrastructure support for small business in the region [Electronic resource] / L.G. Rudenko // Moscow Economic Journal. - 2018. - No. 5 (3). - P. 82-91. - Access mode: https://qje.su/wp-content/uploads/2019/01/Nomer-53-2018-Arhiv.pdf. (date of access: 20.02.2019).